Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

21 январи соли 2023 Шанбе № 6 (14914)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ИНКИШОФИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲО ВА КАСБҲО ДАР МАКТАБҲО МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

20 январ дар назди Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомади васеъ оид ба масъалаҳои рушди низоми таҳсили забонҳои хориҷӣ ва таълими касбӣ дар мактабҳо баргузор гардид.

Сарвари давлат дар Муроҷиатномаи худ ба халқи мамлакат ба принсипи «давлати иҷтимоӣ» эътибори алоҳида нигаронд ва таъкид кард, ки давлати иҷтимоӣ пеш аз ҳама маънои барои одамон ба вуҷуд овардани имконоти баробар барои татбиқи потенсиалашон ва шароити ногузир барои ҳаёти муносиб ва коҳиши қашшоқиро дорад.

Барои даст ёфтан ба ин мақсад таълим ҳалқаи асосӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар Муроҷиатнома таълими мактабиён ба на камтар аз ду забони хориҷӣ ва як касб вазифаи бартаринок муайян гаштааст.

Дар солҳои охир ба таълим ва тадрис эътибор зиёд гардида, миқдори ҷой барои қабул ва теъдоди самтҳои таълим дар муассисаҳои таълими олӣ афзуд. Аммо сифати таълими мактабӣ ҳанӯз то дараҷаи ногузир нарасидааст. Барои мисол, дар аксарияти ҳолатҳо хонандае, ки дар мактаб 11 сол таълим гирифтааст, пас аз хатми он забони хориҷиро мукаммал намедонад. Бинобар вуҷуд надоштани шароит ва мутахассисон дар хонандагон таваҷҷуҳ ба касб ташаккул намеёбад. Ними хатмкунандагони мактабҳо ба бозори меҳнат бе касб намудани ягон пеша дохил мегарданд.

Бинобар ин дар ҷамъомад масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълими забонҳои хориҷӣ ва тамоили касбии хонандагон муҳокима гардиданд.

– Бачае, ки дар мактаб соҳиби касб ва балади забон мегардад, барои ҷамъиятамон дастоварди калон мегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Барои татбиқи ин низом яктоӣ шаҳр ва дутоӣ ноҳия дар ҳар як минтақа интихоб гардиданд. Шароит, малакаи педагогҳо, таваҷҷуҳи хонандагон ба касб ва забонҳои хориҷӣ дар бештар аз ду ҳазор мактаб омӯхта шуданд. Ҳоло дар ин мактабҳо ҷорӣ намудани таълими 64 намуди чунин касбҳои корӣ бинобар хусусияти ноҳияҳо ва маҳаллаҳо пешбинӣ мегардад.

Дар назди ҳокимон вазифаи ташкил, таъмин ва бо маводи ногузир мучаҳҳаз намудани устохонаҳои касбӣ дар мактабҳои интихобгардида гузошта шуд. Ба онҳо пешвоёни ҷавонон ва соҳибкорон ҷалб гардида, аз Фонди дастгирии ҷавонон маблағ равон мегардад.

– Ҳоло соҳибкорон, истеҳсолгаронро масъалае нигарон месозад: ҷойҳои озоди кор бисёр, музди меҳнат хуб, аммо ходимони чашмикордон ва тачрибадор нестанд. Агар ин низом дуруст ба роҳ андохта шавад, дар шароити афзоиши аҳолии мо ба бисёр натиҷаҳои баланд ноил гардидан мумкин, – гуфт роҳбари давлат.

Инчунин аҳамияти таълими хонандагон ба касбҳои замонавӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва саноати креатив таъкид гардид.

Барои таълими сифатноки забонҳои хориҷӣ доир ба ҷалб намудани омӯзгорон-соҳибони забон ба мактабҳо, татбиқи таҷриба, китобҳои дарсӣ ва барномаҳои Мактабҳои президентӣ оид ба таълими забонҳо супоришҳо дода шуд.

Дар ҷамъомад ҳокимони вилоятҳо дар бораи нақшаҳои рушди низоми таълими забонҳои хориҷӣ ва таълими касбӣ дар мисоли мактабҳои интихобгардида маълумот доданд.

Инчунин, роҳбари давлат ба роҳбарони соҳаҳо ва минтақаҳо ба ногузирии пурзӯр намудани масъулият ва назорати таъмини суботноки аҳолӣ бо захираҳои энергия дар мавсими зимистон ишора намуд. Оид ба ҳамкории зичи соҳибкорон ва корхонаҳо дар ҳалли масъалаҳои мушкил дар фаъолияти онҳо супоришҳои дахлдор дода шуд, дар ҳолатҳои ногузир аз захираҳои молиявӣ ҷудо намудани маблағ, бартарафсозии беасос боло рафтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва афзудани мол дар бозорҳо супоришҳои дахлдор дода шуд.

ӮзА.

НИЗОМИЁН МАРОСИМИ БУРЁКӮБОН БАРГУЗОР КАРДАНД

Дар ин рӯзҳои сарди зимистон соҳиби хонаҳои гарму замонавӣ шудани як гурӯҳ хидматчиёни ҳарбии қӯшунҳои марзбонии мамлакат, мустақар дар ноҳияи Сӯх, боиси шодиву нишоти зиёд гардидааст. Дар ин бора хидмати матбуоти ҳокимияти вилоят хабар медиҳад. Бино ба ин дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Зангат ва Демирсади ин ноҳия дар фазои мутантан ба соҳибони он калиди хонаҳои хидматӣ супурда шуд.

Гуфта мешавад, ки хароҷоти барои корҳои сохтмонии ду бинои истиқоматии чорошёна ва дорои 32 хона нӯҳуним миллиард сӯмро ташкил медиҳад. Он дар маҳаллаи Зангат бунёд ёфта, майдончаҳои бозӣ дар ихтиёри кӯдакони онҳо қарор гирифтааст. Дар маҳаллаи Демирсад бошад, бар ивази 10,2 миллиард сӯм як бинои чаҳорошёнаи 32-хонадор сохта шудааст.

– Дар соли сипаришудаи 2022 барои низомиён ва аъзои оилаи онҳо аз буҷети маҳаллии вилоят дар маҷмӯъ 123 миллиарду 525 миллион сӯм ҷудо карда шуд, ки барои бунёди шаҳракҳои низомӣ, сохтмони инфрасохтори замонавии ҳудуди он, инчунин фароҳам овардани шароити хуб харҷ гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 дувуним баробар бештар аст, – гуфт ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров.

Вай афзуд, ки чунин ғамхориҳои мислаш қаблан диданашуда ҳатман дар рӯҳияти ҷанговаронаи низомиёни мо нақши мусбат хоҳад бозид ва онҳо вазифаи худро бо дилу ҷон ва садоқати бештар ба ҷо хоҳанд овард.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.
Вилояти ФАРҒОНА.

Муносибат

КОРПУСИ ПРОКУРОРОНИ МАХСУСГАРДОНДАШУДА ТАШКИЛ КАРДА МЕШАВАД

Мустақилии онҳо таъмин карда хоҳад шуд

Дар чаҳорчӯби “Ӯзбекистони Нав – суди нав” бо мақсади боз ҳам васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба адолати судӣ, суръат бахшидан ба ислоҳоти низоми судию ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои пешрафтаи байналмилалӣ дар соҳа Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба густариши минбаъдаи дастрасӣ ба адолати судӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳо» қабул гардид.

Маълум аст, ки дар тамоми марҳилаҳои пешбурди мурофиаҳои судӣ, таъмини беғаразии судҳо дар амалиёт ҷорӣ намудани механизмҳои нав, ки ба татбиқи пурраи рақобатпазирӣ ва баробарҳуқуқии ҷонибҳо нигаронда шудааст, вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Бо Фармон оид ба расондани кумак дар амалӣ гардондани адолати судӣ Корпуси махсусгардондашудаи прокурорҳо ташкил карда мешавад.

Ба сифати Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда оид ба расондани кумак дар амалӣ гардондани адолати судӣ раёсати Прокуратураи генералӣ оид ба таъмини ваколатҳои прокурор ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ дар судҳо, шуъбаҳо ва зершуъбаҳои дахлдори прокуратураҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд оид ба таъмини ваколати прокурор ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ дар судҳо, муовинон ва ёварони дахлдори прокурорҳои ноҳияҳо (шаҳрҳо) оид ба самтҳои дар боло зикршуда муайян карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда таъмини ваколатҳои прокурор ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун «Дар бораи прокуратура» ва қонунгузории мурофиавӣ, мусоидат намудан ба татбиқи самараноки адолати судӣ бо истифода аз ҳуқуқҳои баробар дар баробари дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ, дастгирии босифати айбдоркунии давлатӣ дар судҳои ҷиноятӣ, танҳо дар асоси қонун дар ҳоле, ки беғаразиро нигоҳ дошта, ба ҳимояи судии самарабахши ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ноил гардида, расондани кумак ба кор оид ба баланд бардоштани малака ва тахассуси амалиёт кормандони мақомоти пурсиш ва тафтишот бо назардошти амалиёти судӣ муайян шудаанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

ҲАМКОРӢ БА РОҲ МОНДА МЕШАВАД

Ҳайати маъмурияти автономии Буеё-Гуни Куриёи Ҷанубӣ ба вилояти Намангон ташриф овард. Меҳмонро ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов қабул кард. Дар вохӯрӣ ҳокими вилоят бо камоли мамнуния қайд кард, ки муносибатҳои ҳамкории Намангон ва Куриёи Ҷанубӣ солҳои охир таҳким ёфта истодааст. Аз ҷумла, дар доираи сафари ҳайати Намангон ба Куриёи Ҷанубӣ моҳи декабри соли 2022 дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, IT ва дигар самтҳо созишномаҳо ба даст оварда шудаанд.

Дар навбати худ аъзои ҳайат, ки аз мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, боғдорӣ ва фермерӣ иборатанд, қайд намуданд, ки ҳадафи ҳайат бешубҳа ба ҳамкории тарафайн асос ёфтааст.

Дар вохӯрӣ ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаи дароз ва кӯтоҳмуддат, инчунин фароҳам овардани имконият барои ҷавонone, ки ба соҳаи хоҷагии қишлоқ таваҷҷуҳ доранд, барои кору такмили малакаи онҳо дар лабораторияҳои замонавии тахассуси кишоварзӣ ва тухмипарварии Куриёи Ҷанубӣ созишнома ба имзо расид.

Ба меҳмонон дар хусуси имкониятҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзӣ, махсусан парвариши меваю сабзавот, минтақаҳои зиёди ба гармхонаҳо ихтисосонидашуда, самтҳои драйверӣ маълумот дода шуд.

– Имрӯз омили муҳимтарини рушди кишоварзӣ – ин технологияи нав ва албатта истифодаи самараноки имкониятҳои иннoватсионӣ мебошад, – гуфт роҳбари ҳайат, менеҷери шуъбаи сиёсати кишоварзии донишкадаи Кинг Сежонг Сео Жанг Вон. – Боварӣ дорам, ки дар ҳамаи минтақаҳои Намангон барои рушди соҳа имкониятҳои калон мавҷуданд. Мо хурсандем, ки дар таҳкими ҳамкории тарафайн саҳм мегузорем.

Ба аъзои ҳайат аз рӯйи урфу одатҳои миллӣ туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Меҳмонone, ки ба мономаркази «Ба кор марҳамат» воқеъ дар шаҳри Намангон ташриф оварданд, бо фаъолияти марказ шинос шуда, бо ҷавонон суҳбат оростанд ва онҳоро ба кор ба Куриё даъват карданд.

Аъзои ҳайат ба ноҳияи Поп низ омаданд. Мутахассисон бо роҳбарии ҳокими ноҳия Аъзамҷон Султонов аз маҷмааи гармхонаи замонавии «ZAMIN GREEN-WORLD» дидан карда, бо рафти кори он шинос шуданд. Доир ба масъалаҳои таҳкими робитаҳои мутақобилаи судманд, чиҳати татбиқи технологияҳои баланд дар бунёди гармхонаҳо гуфтугӯ ва табодули таҷриба сурат гирифт.

Ин гармхонаи замонавии гидропоникӣ таҳти роҳбарии Абубакир Мамадалиев дар 7 гектар замин бо арзиши умумии 61,6 миллиард сӯм ташкил карда шудааст. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа 100 ҷойи кори доимӣ ва 150 мавсимӣ таъсис дода шудааст, ки ба таъмини муттасил ва устувории нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ноҳия ва афзоиши иқтидори содиротӣ хидмат мекунад. Гармхона бо таҷҳизоти ба маблағи 3,9 миллион доллар аз Туркия ва Испания воридшуда мучаҳҳаз шудааст. Дар ин ҷо помидори навъи «Хуҷимаро», ки аз Олмон оварда шудааст, парвариш карда мешавад. Иқтидори солонаи ин маҷмаа 3500 тонна ё 10,5 миллион долларро ташкил медиҳад, сад фоизи маҳсулоти парваришшуда ба Русия ва мамлакатҳои Аврупо содир мешавад.

Ба ин гармхонаи замонавии гидропоникӣ меҳмонон низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, барои ҳамкорӣ мувофиқа карданд.

Сафари ҳайат ба як қатор корхонаҳои вилоят идома дорад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

ДАР ӮЗБЕКИСТОН ТАМОМИ ШАРОИТ МАВҶУД АСТ, ТО КИ РОҲИ ТАРАҚҚИЁТИ СИНГАПУРРО ТАКРОР КАРДА, БА КИШВАРИ БАЛАНДТЕХНОЛОГИИ ИҚТИСОДИЁТАШ ПЕШРАФТА ВА ҶАМЪИЯТАШ ИНКИШОФЁФТА ТАБДИЛ ЕБАД

Натиҷаҳои сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Сингапур дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалии коршиносӣ қарор дорад.

Нооб-президенти Палатаи савдову саноати Полша Витолд Карчевский:

– Сафари мазкур қоидаҳои асосии доктринаи сиёсати хориҷии Ӯзбекистонро тасдиқ мекунад ва муҳимтарини онҳо хусусияти бисёрвекторӣ ва ҳамкории зич бо кишварҳои минтақаи Осиё мебошад.

Сингапур ҳудро дар вақташ ҳамчун як кишвари осиёӣ муаррифӣ кард, ки иқтисоди он ба ҷаҳон ҷаҳиши тез ва пайваста нишон дод. Имрӯз ин кишвари тараққикардаи Осиё, ки дорои иқтисоди пешрафта ва ҳаёти басо фаъоли иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст, рӯшодӣ ва омодагиашро ба мусоидат тавассути сармоя ва технологияҳои ҳуд ба дигар кишварҳои дӯст, аз он ҷумла Ӯзбекистон намоиш медиҳад.

Боварӣ дорам, ки имрӯз дар Ӯзбекистон тамоми шароит мавҷуд аст, ки роҳи рушди Сингапурро такрор намуда, ба кишвари баландтехнологӣ табдил ёбад, ки иқтисодиёти пешрафта ва ҷомеаи хеле мутараққӣ дорад. Сабаби ин дигаргуниҳои сершумори мусбат дар идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятии мамлакат мебошад.

Як қатор ислоҳоти пешрав дар солҳои охир муваффақияти калон дорад ва натиҷаҳои он ҳариф дар ҳамаи соҳаҳо ба назар намоёнанд. Аммо ин танҳо оғози роҳ буда, дар пеш дар соҳаи энергетика, саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ ва сохтмон дигаргуниҳои бузург интизоранд. Маҳз дар ин соҳаҳо, ки истифодаи маҳсулот ва хидматҳои технологӣ таҳозо мегарданд, Сингапур метавонад кумаки фаъоли ҳудро расонад.

Ба ғайр аз ин ҷонибҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ба мувофиқа расиданд. Дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими ҳушсифат» дар Ӯзбекистон барои пешомад нақшаҳои бузург муайян шудаанд, аз он ҷумла, дар доираи таҳсил дар донишгоҳҳои сингапурӣ, ки дар кишвар фаъолият нишон медиҳанд.

Роҳбарони ду кишвар изҳор намуданд, ки барои ба роҳ мондани ҳамкории амалӣ дар бисёр соҳаҳо захираҳои калон мавҷуданд. Самтҳои калидӣ, бешубҳа, технолгияҳои «сабз» ва рақамикунонии соҳаҳои муҳимтарини саноат,таълим, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт ва ғайра хоҳанд буд.

Роҳбари Форуми соҳибкории Мадрид Индалго Алфаро (Испания):

– Маҷмӯи масъалаҳое, ки байни роҳбарони ду кишвар баррасӣ шуданд, саъю кӯшиши Ӯзбекистонро ба пешрафти минбаъдаи афзалиятҳои иқтисодии ҳуд тасдиқ мекунад.

Дар навбати аввал мехостам аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев дақиқ муайян шудани самтҳои асосии ҳамкорӣ бо Сингапурро, аз он ҷумла рушди сармояи инсонӣ, ҷалби таҷрибаи Сингапур ва сармояҳо, технологияҳои пешқадами «сабз» ва рақамӣ, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва густариши тиҷорати дуҷонибаи мутақобила қайд намоям.

Бешубҳа, дар шароити қунунии мураккаб афзалиятҳои Президенти Ӯзбекистон оид ба амиқсозии ҳамкории иқтисодӣ бо Сингапур дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт барои паси сар намудани даъватҳои ҷаҳонии молиявӣ ва иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошанд.

Боварӣ дорам, ки бо назардошти мақсади аз ҷониби Ӯзбекистон гузошташуда дар соли 2030 ду баробар баланд бардоштани самарабахшии энергетикии иқтисодиёт, зиёд гардондани ҳиссаи энергияи барқароршаванда то 25 фоиз ва инкишофи нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза, ҳамкории Ӯзбекистону Сингапур дар навбати аввал ба рушди технологияи «сабз» ва васеъ ҷорӣ кардани инноватсия нигаронда мешавад.

Дар хотима мехостам илова намоям, ки мо равшан мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна шароитҳои наве, ки дар Ӯзбекистон дар раванди ислоҳоти куллӣ фароҳам оварда шудаанд, барои диверсификатсия ва рушди босуръати робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ имкониятҳои рӯз то рӯз бештар фароҳам меорад.

Профессори фахрии Донишкадаи иқтисодиёти тараққиёбандаи Ҷопон Манабу Симизу:

– Вазъи қунунии муносибатҳои Ӯзбекистону Сингапур, инчунин натиҷаҳои мусбати мулоқоти роҳбарони Ӯзбекистон ва Сингапур аз таваҷҷуҳи онҳо ба рушди минбаъдаи шарикии ҳамаҷониба, баробарҳуқуқ ва эътимодбахши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ далолат медиҳанд.

Сингапур узви Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) мебошад, ки созмони бонуфуз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати ҳуд, Ӯзбекистон низ дар рушди ҳамкориҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим дорад.

Албатта, дар баробари гузоштани вазифаҳои дар боло зикршуда ба Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда мустақилияти фаъолияти онҳо низ таъмин карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

НАШРИЁТИ МАЪРУФИ РАҲНАМОЁНИ БРИТОНИЁ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОНРО БА ФЕҲРИСТИ САМТҲОИ ЭКСКЛЮЗИВИИ САЙЁҲӢ ШОМИЛ КАРД

Нашриёти машҳури сайёҳии Британиё «Bradt Travel Guides» раҳнамои «Сафарҳои истисноӣ барои соли 2023»-ро нашр кард, ки дар он Қароқалпоқистон ҳамчун макони истисноии сайёҳӣ қайд карда шудааст.

Нашриёт менависад, ки дар соли 2023 тамоми таваҷҷуҳ ба Ӯзбекистон нигаронида мешавад, ки дар он ҷо бори нахуст Ассамблеяи генералии UNWTO дар Самарқанд баргузор мешавад. Чорабинии мазкур барои шиносоӣ пайдо кардан бо шаҳрҳои Роҳи ҳабрешим дар ҳудуди Ӯзбекистон ва объектҳои Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО имконияти хуб мегардад.

Ба сайёҳон ташвиқ карда мешавад, ки ба Қароқалпоқистон ҳамчун як макони каммаълум, вале истисноии сайёҳӣ сафар кунанд. Муаллифони мақола қайд мекунанд, ки фаъолияти фурудгоҳи нави Мӯйноқ бо ҳафтае се парвоз ба Тошканд ва роҳандозии қаторои баландсуръат ба Нуқус ба ин минтақаи дурдаст ва дилрабо дастрасии логистикиро фароҳам меорад.

Муаллифон дар бораи Қароқалпоқистон сухан ронда, хабар медиҳанд, ки ин қисмати Ӯзбекистон ҳамчун зодгоҳи баҳри Арал маъруф аст. Аз соли 2020 инҷониб дар ин ҷо ду боғи нави миллӣ таъсис дода шудааст ва дар охири тобистон дар Осиёи Марказӣ ҷашнвораи мусиқии электронӣ «Stihia Festival» баргузор мешавад.

«Инчунин дар яке аз ториктарин минтақаҳои осмони шаб лагери нави юртхона мавҷуд аст ва дар осорхонаи аҷиби Савитский дар Луври Даштӣ барномаи ҷолиби намоишгоҳҳои муваққатӣ бахшида ба асарҳои коллексияи авангардҳои ҷаҳонии ӯ мавҷуд аст», – гуфта мешавад дар мақола.

АИ «Дунё»,
Лондон

ДАР ЎЗБЕКИСТОН ТАМОМИ ШАРОИТ МАВҶУД АСТ, ТО КИ РОҲИ ТАРАҚҚИЁТИ СИНГАПУРРО ТАКРОР КАРДА, БА КИШВАРИ БАЛАНДТЕХНОЛОГИИ ИҚТИСОДИЁТАШ ПЕШРАФТА ВА ҶАМЪИЯТАШ ИНКИШОФЁФТА ТАБДИЛ ЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба ин муносибат мубодилаи таҷрибаи миёни Ўзбекистон ва Сингапурро муҳим мешуморам ва худи ин сафар ҳам муҳим ва саривақтист.

Ман созишномаҳои оид ба рушди ҳамкорӣ бадастомадаро истиқбол мекунам ва мехоҳам қайд намоям, ки Сингапур модели беназир ва намунаи рушд дорад, ки онро дар шароити Ўзбекистон татбиқ кардан мумкин аст.

Инчунин боварӣ дорам, ки ҳамкорӣ бо Сингапур дар соҳаи хусусигардонӣ метавонад як унсури муҳими тавсеаи минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Ўзбекистон гардад.

Корманди илмии Пажўҳишгоҳи кишварҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Тоҷикистон Виктор Ким:

– Динамикаи равандҳои ҷаҳонӣ дар чанд соли охир ончунон зудгузар буд, ки буҳрони ҷаҳонии ахири марбут ба пандемияи COVID-19 дар саросари ҷаҳон аллакай дар пастманзар қарор гирифта, масъалаҳои барқарорсозии рушди иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ боз ҳам аҳамияти худро пайдо мекунанд. Бо назардошти ин сиёсати фаъоли хориҷии Ўзбекистон ва густариши ҷуғрофии он комилан мантиқӣ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки ҳар соли нав оғози осиёӣ дорад. Январи соли гузашта барои Ўзбекистон бо ҳамоишҳои онлайн бо Чин ва Ҳиндустон оғоз ёфта бошад, соли ҷорӣ – бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев ҳамоиши онлайнии «Садои Осиёи Ҷанубӣ» таҳти раёсати Ҳиндустон ва сафари давлатӣ ба Сингапур шурўъ гардид.

Бо дарназардошти пайдарпаӣ амалҳо дар сиёсати хориҷии Ўзбекистон метавон бо итминон пешгӯӣ кард, ки ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ноил хоҳанд шуд. Чунки Сингапур кишварест, ки дар муддати кӯтоҳ ба давлати замонавии пешрафта табдил ёфтааст. ММД ба сари аҳолӣ 59,797 доллярро ташкил медиҳад (2020), ки яке аз баландтарин дар ҷаҳон аст. Кишвар намунаи хуби рушди давлати демократии одилона бо пасттарин сатҳи фасод дар ҷаҳон ва сатҳи баланди омодасозии кадрҳои касбии роҳбарикунанда мебошад.

Ҳамкориҳо байни Ўзбекистон ва Сингапур аллакай дар соҳаи маориф захираи муайян дорад. Гардиши мол дар солҳои охир қариб ду баробар афзуда, сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти Ўзбекистон 700 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Аз ин рӯ, сарвари Ўзбекистон самтҳои асосии густариши ҳамкориҳои дуҷонибаро муайян кард. Инҳо омода кардани кадрҳои баландихтисос барои идоракунии давлатӣ, ҷалби ҷониби сингапурӣ ба равандҳои хусусигардонии Ўзбекистон, ҷалби технологияҳои пешрафтаи «сабз» ва ҳалли рақамӣ, беҳбуди инфрасохтори шаҳрҳо ва коммуникатсияҳо, дастрасии сармоягузорӣ ва вусъат додани савдои байниҳамдигарӣ мебошанд.

Мутобиқати сиёсати хориҷии Ўзбекистон натанҳо барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, балки пеш аз ҳама, ба бунёди Ўзбекистони Нави замонавӣ дар баробари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нигаронда шудааст.

Корманди илмии Донишкадаи Русия, Осиёи Шарқӣ, Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин Су Чан:

– Ташрифҳо дар сатҳи олӣ ҳамеша ба рушди ҳамкориҳо дар ҳама самт мусоидат намуда, такони нав мебахшанд. Натиҷаҳои сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Сингапур бешубҳа ба густариши ҳамкории байни Ўзбекистон, кишвари калидии Осиёи Марказӣ ва Сингапур – хаби пурзўртарини логистикӣ дар Осиё, ки ба воситаи он ҷараёни молиявӣ ва молӣ мегузаранд, мусоидат хоҳанд кард.

Сингапур ҳамчун яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва пешвои технологияҳои пешрафта метавонад ба модернизатсияи саноати Ўзбекистон, рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои таълим, нақлиёт, тандурустӣ, дар соҳаи тайёркунии кадрҳо, аз он ҷумла хидматчиёни давлатӣ мусоидат намояд.

Сафари мазкур инчунин сиёсати бисёрҷонибаи хориҷии Ўзбекистон ва таваҷҷуҳи онро ба рушди муносибатҳои мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон тасдиқ мекунад.

АИ «Дунё».

Алҳол дар вилояти Самарқанд 259 корхонаи истеҳсоли мебел ва маҳсулоти он амал мекунанд. Тўли нуҳ моҳи соли гузашта ба маблағи 164,7 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол карда шуд. Дар давраи гузаштаи соли сипаригашта дар соҳаи мебелсозӣ 18 лоиҳаи арзишашон 70,4 миллиард сўм амалӣ ва 267 ҷойҳои нави корӣ ташкил гардиданд.

Аз ҷумла, аз ҷониби корхонаи хусусии «Шоҳрух бетоно-эксперт» дар минтақаи кучаки саноатӣ, ки дар деҳкадаи Фарҳоди Самарқанд ҷойгузин аст, лоиҳаи арзишаш 175 ҳазор долларина татбиқ шуд. Дар корхонае, ки метавонад соле дар ҳаҷми 2,5 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол намояд, 40 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд. Ғайр аз ин, ҳоли ҳозир 8 маҳаллаи ноҳияҳои Самарқанд ва Пастдарғам ба истеҳсоли маҳсулоти мебел махсусонида мешаванд.

Суратгир: А.ИСРОИЛОВ (ЎзА).

КОРПУСИ ПРОКУРОРОНИ МАХСУСГАРДОНДАШУДА ТАШКИЛ КАРДА МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Албатта, дар баробари гузоштани вазифаҳои дар боло зикршуда ба Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда мустақилияти фаъолияти онҳо низ таъмин карда мешавад.

Аз ҷумла, муайян карда шуд, ки кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда ваколатҳои худро новобаста аз ягон мақомот ва шахсони мансабдор, танҳо тибқи муқаррароти қонун амалӣ мегардонанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ дахолат кардан ба фаъолияти онҳо вобаста ба иштироки онҳо дар суд, ғайр аз мавридҳои пешбининамудаи қонун манъ аст.

Дар баробари ин пешбинӣ карда мешавад, ки ба Корпуси прокурорҳои махсусгардондашудаи прокуратураҳои вилоятӣ ва ба онҳо баробар кардашуда кормандоне, ки одатан дар соҳаҳои дахлдори прокуратураҳои ноҳия (шаҳр) камаш се сол кор кардаанд, ба Корпуси прокурорҳои махсусгардондашудаи Прокуратураи генералӣ – коркуноне, ки чун қоида на кам аз панҷ сол кор кардаанд, қабул карда мешаванд.

Навоварии дигари муҳим ин аст, ки кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда метавонанд ба самти дигар, чун қоида, пас аз се соли кори доимӣ дар соҳаи таъмини ваколатҳои прокурор дар судҳо гузаронда шаванд, гузарондани кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда ба дигар самт бо ризоияти муовини Прокурори генералӣ оид ба самти дахлдор сурат мегирад.

Илова бар ин, корманди Корпуси прокурорҳои тахассусӣ дар ҷонибдорӣ, тағйир додан ё қатъ кардани айбнома (даъвои шаҳрвандӣ) дар парвандаҳои дар суд баррасишуда, аз ҷумла оид ба масъалаҳои истифодаи меъёрҳои Кодекси ҷиноӣ, таъин кардани намуд ва миқдори ҷазо мустақил буда, ба талаботи қонун ва аз рӯи ҳамаи ҳолатҳои парванда — бовории худ такя мекунад.

Дар ҳар як ҳудуд Шўроҳои машвараті аз ҷумлаи кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашудаи прокуратураҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳри Тошканд ва прокуратураҳои дахлдори ноҳия (шаҳар) ва кормандони соҳибтаҷриба, ки таҷрибаи бисёрсолаи кор дар дигар самтҳо доранд, таъсис дода мешаванд.

Шўроҳои машвараті дар кор оид ба ҷустуҷўи роҳҳои ҳалли масъалаҳо дар асоси муҳокимаи тарафайни ҳодисаҳои мураккаб, дуруст равона намудани кадрҳои ҷавон ва инкишоф додани маҳорати амалии онҳо ёрӣ мерасонанд. Ба муовинони прокурорҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ки барои фаъолияти Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда масъуланд, ҷалби кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда, мутаносибан прокуратураҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ (шаҳрӣ) оид ба тахассуси онҳо бо назардошти ҳаҷми кор дар судҳои вилоятӣ, байниноҳиявӣ, ноҳиявӣ (шаҳрӣ) иҷозат дода мешавад.

Дар баробари ин ба зиммаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба андешидани чораҳо бобати ташаккули Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда аз ҳисоби кадрҳои ботаҷриба, кордоне, ки ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда қодиранд, дар мақомоти прокуратура, таҳия ва тасдиқи тартиби дохилӣ шуҳрати бенуқсон доранд, ки ташкили самараноки фаъолияти Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда, инчунин механизмҳои самараноки пешгирии ҳар гуна таъсир ва дахолати муовинони прокурорҳо ва кормандон оид ба дигар самтҳои прокуратураи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳри Тошканд, прокурорҳои ноҳияҳо (шаҳрҳо), муовинони онҳо ва кормандон оид ба дигар самтҳоро пешбинӣ менамояд, ки метавонанд дар фаъолияти Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда беғаразӣ зоҳир намояд, вазифаҳо гузошта шудаанд.

Дар чаҳорчўби таъмини татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба густариши минбаъдаи дастрасӣ ба суди одил ва баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти судҳо”, инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон “Дар бораи чораҳои иловагии ташкили самарабахши фаъолияти адолати судӣ» қабул гардид, ки дар он дар ин самт як қатор чорабиниҳо муайян шудаанд.

Аз ҷумла, бо фармон то 1 сентябри соли 2023 ба тариқи таҷрибаи пешакӣ созмон додан ва ба кор даровардани низоми иттилоотии «Иштироки прокурор дар судҳо» дар фаъолияти Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда оид ба расондани кумак дар амалӣ намудани адолати судӣ, аз соли 2024 – пурра ба амалиёт ҷорӣ намудан мустаҳкам карда мешавад.

Ҳамзамон бо роҳи муттаҳидсозии системаҳои иттилоотии Прокуратураи генералӣ ва Суди олӣ пурра ба роҳ мондани гардиши ҳуҷҷатҳои мутақобила, ҷудо намудани биноҳои кории алоҳида дар ҳар як бинои суд барои амалӣ намудани фаъолияти самараноки кормандони Корпуси прокурорҳои махсусгардондашуда дар назар аст.

Хулласи калом, ин фармонҳо дар ташаккулии системаи ҳақиқатан одилонаи судӣ, ки дар асоси ғояи «Ба номи шаъну шарафи инсон» асос ёфтаанд, аҳамияти калон доранд.

Камол МАРДОНОВ,
омӯзгори калони кафедраи суд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва адвокатураи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшноси Тошканд.

(ЎзА).

САРДИИ ҲАВО ВА КУМАКИ ИҶТИМОӢ

Таҳдиди сардии ғайриодии ҳаво ба рӯзгори мо ҳамоно идома дорад. Дар натиҷа ташвиши мардум бинобар норасогии барқ, номувофиқии гази табиӣ, яхбандии қубурҳои об барин масъалаҳо афзудааст. Бо вуҷуди ин чорабиниҳои сатҳи давлатӣ, ташкилёбии штабу ба назорат гирифта шудани вазъи ҳудудҳо имконият медиҳад, ки душвориҳои пешомада саривақт бартараф карда шаванд.

Ба оилаҳои дармонда дасти ёрӣ дароз мегардад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Рометан низ дар ин бора корҳои назаррас ба чашм мерасад. Тарзи зиндагии сокинон дар ҳамаи 45 маҳаллаи ноҳия омӯхта шуда, ба онҳое, ки муҳтоҷи дастгирианд, бепул додани ангишт ба роҳ монда шуд. Ҳамин тариқ, ба 1285 нафар дармондагон бештар аз ҳазор тонна ангишт инъом гардид. Дар давоми ду ҳафтаи гузашта моҳи ҷорӣ дар маҳаллаи «Атторон» 61 тонна, дар маҳаллаи «Деҳча» 67 тонна, дар маҳаллаи «Муғонча» 41 тонна, дар маҳаллаи «Қалъаи чорбоғ» 38 тонна, дар маҳаллаи «Бахтиёрчӣ» 32 тонна, дар маҳаллаи «Кўрғон» 24 тонна ангишт ба эҳтиёҷмандон дастрас гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин маҳаллаҳо аз маркази ноҳия 10-15 километр дур мебошанд. Бобати дастгирии аҳолии эҳтиёҷманди ҳудуд саҳми Хазинаи «Саховат ва кумак»-и вилоят низ назаррас аст. Рӯзҳои аввали Соли нав ба 400 оилаи камдаромади маҳаллаҳо маҳсулоти хўрокворӣ инъом карда шуда бошад, ба 162 нафар шаҳрвандони бепарастор нўҳ намуди маҳсулоти озуқаворӣ туҳфа гардид. Рӯзҳои охир ба 250 нафар шаҳрвандоне, ки шомили «Дафтари оҳанин» ва «Дафтари бонувон» мебошанд, маҳсулоти хўрокворӣ ва ангишт супорида шуд. Аз чунин кумаки инсонпарварона сари ногироён Дилбар Амонова (аз маҳаллаи «Миришкор»), Баҳриддин Амонов («Марзия»), Ашур Қурбонов («Ифтихор»), Ҳафиз Файзиев («Атторон»), Шавкат Нарзиев («Челонғу») ва дигарон ба осмон расид. Аз ҷониби ҳокимияти ноҳия дар зиёратгоҳҳои намояндагони «Ҳафт пир» Бобои Самосӣ ва Хоҷаалии Рометанӣ дасторхон густурда, бо ҳалиса

зиёфат карда шудани мардум барои шахсони саховатманд аҳамияти намунавӣ дошт. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, рӯзҳои охир ин қабил хайру эҳсон дар дигар маҳаллаҳои ноҳия низ ба амал омад ва мардум аз ҳимматбаландии соҳибкорон, депутатҳои ноҳия Аваз Қиличев, Эркин Шарифов, инчунин Хуршед Болтаев, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «WOM Romitex» ва «BST Cluster», ҳамчунин роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ баҳраманд гардиданд. Зотан дар рӯзи сахт ёвару мададгор шудан фазилат ва анъанаи хуби мардуми тоҷик аст.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Робитаи дўстӣ

ДАРАХТИ ДЎСТӢ БИНШОН...

Чанде қабл Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ўзбекистон ҷаноби Ҳамид Найирободӣ аз Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дидан кард. Меҳмони оликадрро раиси Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Сироҷиддин Саййид ва аҳли илму адаб пазироӣ карданд.

Раиси иттифоқи нависандагон, баъди муаррифии аҳли нишаст, аз робитаҳои фарҳангӣ ва адабии деринаи халқҳои ду кишвар сухан ба миён овард. Гуфт, ки ба қавли Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев: «Ҳоло байни халқҳо замони тақвияти робитаҳои адабӣ фаро расидааст». Мо ба адабиёти қадим ва муосири Эрон ҳусни таваҷҷуҳи зиёд дорем. Осори Рўдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар нобиғаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик ҳамеша мавриди баҳрабардорӣ ва тарҷумаанд. Сисилашеърҳои шоири ўзбек, шодравон Аскар Маҳкам – «Аз дафтари Шероз» далели он аст, ки аҳли адаби ўзбек ба кишвари шоирхези Эрон муҳаббати зиёд доранд. Байти зерини Хоҷа Ҳофиз барои мо қимати баланд дорад, ки фармуда:

Дарахти дўстӣ биншон, ки коми
дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки
ранҷи бешумор орад.

– Қисми зиёди тарҷумаҳое, ки ба маҷаллаи «Жаҳон адабиёти» пешниҳод мешаванд, аз адабиёти Эрон аст, – изҳор дошт сармуҳаррири маҷаллаи «Жаҳон адабиёти» Аҳмадҷон Мелибоев. – Фикр мекунам, дунёро аз дармондагиҳо на танку тўп, балки маърифат наҷот медиҳад. Ба инсонҳо маърифатро адабиёт медиҳад. Бе адабиёти Эрон Шарқ тасаввурнопазир аст. Мо дар маҷалла бо кўмаки шоиру нависандагони форсизабони кишвар кори тарҷумаро ба роҳ мондаем. Инҷониб чанд сол аст, ки бо сафорати Эрон дар Ўзбекистон робита дорам. Умед аст, ки ҳамкориҳои мо ба қаробати беш аз пеши халқҳоямон мусоидат менамояд.

– Барои ташкили чунин маҷлис арзи сипос менамоям, – гуфт зимни суханрониаш Ҳамид Найирободӣ. – Дар Ўзбекистон таҳаввулоти зиёд ба чашм мерасад. Солҳои охир робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои мо густариш меёбанд. Байни ду мамлакат 18 санади ҳамкорӣ ба тасвиб расид.

Худ зодаи диёри Хайёму Фаридуддини Аттор –Нишобури Эрон ҳастам. Ин аст, ки аз ҷавонӣ ба адабиёт дилбастагие дорам. Дар кишвари шумо доир ба зиндагинома ва осори мондагори фарзанди ин сарзамин — Сайидои Насафӣ, Ҳусейни Хоразмӣ, Сўзании Самарқандӣ тадқиқот анҷом додам... Шеърҳои ирфонии Ҳусейни Хоразмӣ дар пояи ашъори ирфонии Хоҷа Ҳофиз қарор доранд. Вақте ба Нишобур баргаштам, тадқиқотро идома хоҳам дод.

Адабиётшинос Олимҷон Давлатов оиди дар як вақт ба ду забон – форсӣ ва туркӣ эҷод кардани шоирони ҳавза (аз Лутфию Саккокӣ то Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ) ҳарф зад. Гуфт, имрўз низ ин анъана дар Ўзбекистон идома дорад, ки ба қаробати халқҳои мо хидмат хоҳад кард.

Дар поёни гирдиҳамоӣ ҷонибҳо ба якдигар хазинаи маънавият – китоб тақдим намуданд. Дидан кардан аз осорхонаи Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон ба меҳмонон таассуроти хуб бахшид.

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»

Дар намоишгоҳи «Heimtextil-2023», ки 10-13 январ дар Олмон баргузор гардид ва дар олами саноати бофандагӣ воқеаи бузургтарин ба ҳисоб меравад, дар ҳамкорӣ бо намояндагиҳои дипломатии кишвари мо дар Франкфурти лаби Майн ва Берлин якҷо бо иттиҳодияи «Ўзтўқимачиликсаноат» дастовардҳои Ўзбекистон дар соҳаи мазкур ба намоиш гузошта шуданд.

ДАР НАМОИШГОҲИ БУЗУРГТАРИНИ ОЛМОН СОҲАИ БОФАНДАГИИ ЎЗБЕКИСТОН МУАРРИФӢ ГАРДИД

Намоишгоҳ ҳар сол дар шаҳри Франкфурти лаби Майн гузаронида шуда, 60 ҳазор тамошобинону мутахассисон ва беш аз 3 ҳазор экспонатҳоро аз тамоми ҷаҳон ҷалб менамояд.

Ҳайати Ўзбекистон, ки аз намояндагони 15 корхонаи ватании дорои сертификати байналхалқӣ аст, дар намоишгоҳ таҳти рукни «Made in Uzbekistan» иштирок намуд.

Дар ҷараёни чорабинӣ иштирокдорони он имкон доштанд бо маводи муаррифӣ дар бораи имконият ва пешомадҳои соҳаи бофандагии Ўзбекистон шинос шаванд, ҳамчунин дар соҳаи содироти маҳсулоти бофандагии ватанӣ дар Олмон муоҳидаҳои муфиди тарафайн ба имзо расонанд. Иштирокдорони хориҷӣ таносуби муфиди нарх ва сифати матоъҳои Ўзбекистонро бо рағбати зиёд қайд карданд ва изҳор доштанд, ки мехоҳанд бо мо ҳамкориҳои дарозмуҳлатро инкишоф диҳанд.

Гумоштаи тиҷоратии Ширкати байналхалқии сармоявии Чин Михаэл Борхманн:

– Ҳар сол Ўзбекистон сифат ва ҷилои маҳсулоти худро, ки дар саноати ҷаҳонии бофандагӣ мақоми махсус дорад, намоиш медиҳад. Ғайр аз ин, Ўзбекистон кишвари дорои таърих ва маданияти нақиб ба шумор меравад. Ман ду бор дар кишвари шумо будам ва Ўзбекистон дар қалби ман мавқеи махсус дорад.

Менеҷери минтақавӣ оид ба савдои ширкати «Textima Export Import GmbH» Наргиза Маҳкамова:

– Имрўз мо дар шаҳри Франкфурти лаби Майн қарор дорем, ки ҳар сол дар он намоишгоҳи «Heimtextil-2023» гузаронида мешавад. Ман намояндаи ширкати «Textima Export Import GmbH» ҳастам, ки нафақат дар Ўзбекистон, балки дар хориҷ аз он низ маълум мебошад. Мо бо ширкатҳои хориҷӣ ҳамкории пурмаҳсул дорем ва барои рушди саноати бофандагӣ дар Ўзбекистон лоиҳаҳои мухталифро татбиқ менамоем. Мехоҳам қайд намоям, ки тўли солҳои охир соҳаи бофандагӣ дар мамлакати мо бо суръати хеле баланд инкишоф меёбад. Дар мо барои намоиш додани бартарии маҳсулоти бофандагии Ўзбекистон дар тамоми олам имкониятҳои зиёд мавҷуданд.

Умуман содироти маҳсулоти бофандагии Ўзбекистон тўли даҳ моҳи соли 2022-юм аз 2,6 миллиард доллари ИМА гузашт ва афзоиши солона 10,7 фоизро ташкил дод. То соли 2025-ум афзоиши молҳои бофандагии содиротӣ то ба 7 миллиард доллар мерасад. Пойгоҳи ҳуқуқӣ, ки дар ҷумҳурии мо барои тиҷорат фароҳам оварда мешавад, саъю кўшишҳои роҳбарият бобати муваффақ шудан ба рушди иқтисодиёти мамлакат ва вусъат додани ҳамкориҳои сармоявӣ натиҷаҳои пурмаҳсул медиҳанд. Ҳоли ҳозир дар Ўзбекистон беш аз 200 корхонаҳои истеҳсолоти бофандагӣ кор мекунанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар хориҷи он харидорони зиёд доранд.

Намояндаи ширкати «Karl Mayer Stoll Textik maschinfabrik Deutch land» Матеас Мюллер:

– Ман пештар дар ширкати «Darnier» кор мекардам ва зуд-зуд ба Ўзбекистон мерафтам. Алҳол дар ширкати «Karl Mayer Stoll Textik maschinfabrik Deutchland» кор мекунам, ки бо фурўши мошинҳои бофандагиву кумакрасон машғул мебошад. Аз он хурсандам, ки имрўз дар чунин як намоишгоҳи бузург ширкат дорам. Ин имконияти хуби вохўрӣ бо шарикони куҳнаву нав мебошад. Аз ҳамкориҳои пурмаҳсули минбаъда умеди калон дорам. Намоишгоҳи шумо хеле зебост ва мардуми зиёдро ҷалб менамояд, ки ин ҷиҳат барои сармоягузорон маҳаки хубест.

АИ «Дунё»,
шаҳри Франкфурти Майн.

«ҚАВМИ БЕРӮЗНОМА МИСЛИ ОДАМИ БЕЗАБОН АСТ»,

ё худ муроҷиат ба хонандагони рӯзнома бобати истиқболи сазовори 100-умин солгарди «Овози тоҷик»

Пайдост, ки забон воситаи муҳимтарини муомила ва яке аз нишонаҳои асосии миллат аст. Боиси ифтихор аст, ки забони ноби тоҷикӣ аз забонҳои қадимтарину зеботарин, ғанитарину машҳуртарини ҷаҳон шинохта мешавад. Ин забон тӯли асрҳо марҳилаҳои гуногуни инкишофу такмил ва мутаассифона, мушкилоту муаммоҳои мухталифро паси сар карда, хушбахтона бо ҷоннисории фидоиёни миллату забон то ба мо пойдору устувор боқӣ монд.

Ҳоло мо имкон дорем, ба шарофати сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат ба ҳаёти дирӯзу имрӯзи худ бо назари тозаву воқеъбин нигариста, бо афгору андешаи озод забони модариамонро равнақ диҳем.

Мо пас аз мутолиаи Муроҷиатномаи пурмуҳтавои Президент ба Олий Мачлис ва халқи Ӯзбекистон, ки Барномаи пешрафт ва бунёдкориҳои кишвари биҳиштосои мо мебошаду мардуми сермиллати мамлакат ҳар як нуктаи онро бо ҷону дил пазируфтанд, комёбиҳои диёри азизамонро дар соҳаи забони модарӣ низ баррасӣ кунем.

Озодиву истиқлолият дастоварди бузурги тарин аст, ин неъмати бузургро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз кардан ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

«Новобаста аз миллат, забон ва дину мазҳаб, ҳар шахрванде, ки Ӯзбекистонро Ватани худ медонад ва дар рушди он саҳм мегузорад, минбаъд низ дар мадди таваҷҷуҳи давлату ҷомеаи мо қарор хоҳад дошт. Мо тамоми қуввааи имкониятамонро барои боз ҳам мустаҳкам намудани муҳити дӯстии байни миллатҳо, ҳамҷиҳатии конфессияҳои динӣ, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ сафарбар мекунем», – гуфта мешавад дар Муроҷиатнома.

Он чӣ дар дил аст, бар забон ояд

Пӯшида нест, ки сабақи омӯзгори забони модарӣ барои ба дараҷаи кофӣ донистани мазмуну мундариҷаи ҳар як калима ва дарку эҳсос намудани нафосату фасоҳати забон мақоми хоса дорад. Ёд дорам, дар мактаби таълими умумии рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд, оҳанги гуфтор, ҳатто тарзи ҳаракат ва қиёфаи устод, шоири зуллисонайн равоншод Бердӣ Ҳамроев ҳангоми дарс ба мо – шогирдон таъсир мекард. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аз ин мактабу таълими хуби устод Ҳамроқул Шодиқулов, Шодон Ҳаниф, Хуршед Қамар, Мукаммал Давлатова, Адаш Истад, Бахтиёри Ҷумъа, Нормурод Каримзода барин олиму адибони ҳоло машҳуру маъруф камол ёфта, дар ҷомеа мақоми сазовор пайдо кардаанд. Оё имрӯз ҳам омӯзгорон, бахусус муаллимони забон ва адабиёти тоҷик намуна гардида, нахуст худ ва сипас дастпарваронашро ба мутолиаи асарҳо, рӯзномаву маҷалла тарғибу ташвиқ мекунанд?!

Афсӯс, не! Ҳоло ҳама, пиру барно, хондаву нохонда «асир»-и телефон ҳастанд. Дар кӯча, маъракa, тӯйхона, ҳатто азо ҳушу ёдашон ба телефон.

Кош омӯзгор дарк мекард, ки калиди ҳусну қубҳу имконоти забони пурғановати мо дар дасти ӯст. Фаромӯш накунем, ки марги миллат, аз марги забон сар мешавад! Маълум аст, ки дар оғози садаи бист бинобар сиёсати нодуруст ва харобкор забони мо табоҳ, доираи корбасташ маҳдуд гардид ва ба пайкари ҳассосаш захмҳои зиёде расиданд. Дар коҳиш ёфтани он баъзе фарзандони нохалафу кӯрнамак низ барои мансабу давлат сабаб шуданд.

Бо вуҷуди он бо талошу ҷонфидоиҳои устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Саидризо Ализода барин фарзандони содиқ захмҳои ӯ табобат ёфтанд. Такопӯ ва талоши ин фидоиён буд, ки маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб», рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Самарқанд», «Оина» ба дунё омаданду боз аз сабаби ноҷӯрии вазъу кӯтоҳназарии соҳибзабонон ба нестӣ рӯ овардаанд.

Соли 1924 рӯзномаи «Овози тоҷик» дар шаҳри мутамаддини Шарқ – Самарқанди бостонӣ бо номи «Овози тоҷики камбағал» интишор ёфт.

Рӯзномае, ки дар арафаи ҷашни садсолагӣ қарор дорад, пештози матбуоти тоҷик буд ва масоили умдаи миллату забонро дар саҳифаҳояш мавриди баррасӣ қарор дода, дар бедории фикрии мардуми таҳҷоӣ саҳми назаррас гузошт. Бояд қайд кард, ки дар кураи рӯзнома бисёр намояндагони илму фарҳанг обутоб ёфтаву истеъдодашон сайқал пайдо кард. Дар байни онҳо Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳасан Ирфон, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҷалол Икромӣ ва дигар пешвоёну сарсупурдагони миллат буданд. Устод Сотим Улуғзода дар хотираҳояш қайд кардааст, ки солҳои таъсиси рӯзнома вай ва ҳамсабақонаш ҳар шумораи онро бесаброна интизор буданд ва талош карда мехонданд.

Устод Садриддин Айнӣ, ки қисса ва мақолаҳои нахуст дар ҳамин рӯзнома рӯйи чопро дидаанд, навишта буд: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё, ки забон надорад».

Тааҷҷубовар он аст, ки дар Ӯзбекистони дорои беш аз ду миллион тоҷик имсол бештар аз 300 нафар ба «Овоз»-и овозадор обуна шуданд. Магар ин барои миллати фарҳангсолору номдори мо айб нест?!

Хоссатан дар Самарқанди куҳан ин гаҳвораи забону маданияти порсизабон обуна ҳамагӣ ду нусхаро ташкил намуд, ки ин нанговар аст!

Дар Самарқанд сол то сол миқдори обуна бинобар бепарвоӣ ва фориғболии баъзе шахсони мансабдор ва ҳатто ҳамзабонони мо коҳиш меёбад. Соли гузашта баъди бонги изтироби дилсӯзони миллат бо дастгирӣ ва хайрхоҳии Сарвари давлатамон теъдоди рӯзнома ба 5 ҳазор нусха расид ва ройгон ба гузару маҳаллаҳои тоҷикнишини ҷумҳурӣ тақсим шуд. Самарқанди бостонӣ аз ин ҳиммат мустасно набуд. Алҳол аз имконияти хушбахтона истифода бурда, шахсан ба Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз номи муштариёни бешумор арзи сипос мекунем.

Оё ибрат гирем намешавад?!

Дар ин маврид бояд зикр кунем, ки ҳоло аз моҳи январи соли 2023 нашрияи ӯзбекзабони ҳукумати Тоҷикистон «Халқ овози» бо теъдоди беш аз 10 ҳазор нашр мешавад. Дар ин бора Агенти миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» хабар додааст.

Бо саъю хайрхоҳӣ ва иродаи қатъии сиёсии сарварони дурбини ду кишвар – Ӯзбекистону Тоҷикистони бародарӣ муносибатҳо сол то сол густариш меёбанд. Ба Тоҷикистон сафар кардани гурӯҳи азими журналистони мо ва ҷавобан ба Тошканду Самарқанд ва Бухорои шариф таширифи фармудани ҳамкасбони тоҷикистонӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Пас биёед, мо низ ҳимматбаландӣ, ҷавонмардӣ ва ғуруру ифтихори тоҷиконаи худро бо обуна шудан ва дастгирӣ намудани минбари озоди миллат – «Овози тоҷик» дар амал собит кунем. Охир то ба кай ба обунаи рӯзномаҳо ба забони худ бепарво хоҳем буд, то кай барои ба онҳо нависондан ба қавле раги дастамон мекашад.

Мо аз марказҳои миллию фарҳангии тоҷикон, омӯзгорон, бахусус муаллимони забони модарӣ гила дорем, ки ба масъалаи мазкур аз паси панҷа менигаранд.

Панди устод Айниро такрор мекунем, ки фармудааанд: қавми беру́знома мисли одами безабон аст.

Аз хоби ғафлат хезед!
Аз марги миллат тарсед!

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.

Дар сурат: алҳол ҷараёни ҳавои сарди фавқулода ба шаршараи Сувтушари ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё низ таъсири худро гузоштааст. Шаршараи 84 метра ях кардааст.

Суратгир: Ҷ.НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).

БОЗ ЯК МУАССИСАИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ НАМУД

Дар маҳаллаи Қалъаи поёни ноҳияи Чусти вилояти Намангон муассисаи таълими томактабии рақами 46 ба истифода супурда шуд.

Муассисаи томактабӣ дар асоси Барномаи давлатии “Маҳаллаи обод” бо маблағи беш аз 3 миллиарду 490 миллион сӯм аз ҷониби корхонаи хусусии “Олтин водий” дар муддати 156 рӯз сохта, ба истифода супурда шуд.

Ба маскани замонавӣ 120 нафар кӯдакони 3-7-сола ҷойгир шуданд. Дар маросими ифтитоҳии он собиқадорони меҳнат, куҳансолон, фаъолони маҳалла ва падару модарон иштирок намуданд.

– Дар ҷойи боғчаи куҳна сохта ба истифода супурдани боғчаи кӯдакон аҳли деҳаро хурсанд намуд, ба маҳаллаамон шукӯҳи тоза бахшид, – мегӯяд яке аз тарбиячиёни боғча Барно Шарофова. – Бачагиям дар ин ҷо гузашт, 30 сол аст, ки дар ин даргоҳ кор мекунам. Ин бино соли 1956 сохта шудааст, бо сабаби набудани шароит ба бисёр мушкилиҳо пеш омадем. Дар натиҷаи ғамхории роҳбари давлат чунин муассисаҳои замонавӣ қад рост мекунанд. Ҳар як хона бо бозичаҳои гуногун, мебел, рахти хоб ва дигар ҷиҳозҳои зарурӣ таъминанд. Майдончаи спорт, толори мусиқӣ, ошхона ҷойи дӯстдоштаи кӯдакон мебошад.

– Чунин қулайиҳо водор месозад, ки бомасъулият, бо як рӯҳбаландӣ меҳнат кунем. Чунин ташкилоти таълими томактабӣ ба маҳаллаи мо ниҳоят зарур буд. Ба ҳукумат, ба бинокорон, ки дар муддати кӯтоҳ биноро сохта ба истифода супурданд, раҳмат. Умед дорем, ки кӯдаконамон дар ин муассисаи замонавӣ тарбия ёфта, созандаи ояндаи дурахшони Ватан мегарданд, – мегӯяд яке аз фаъолони маҳалла Салимҷон Тӯхтаев.

Назар ба маълумотҳо, имрӯз дар ноҳия 21 ҳазору 961 нафар кӯдакони 3-7 сола мавҷуд буда, 17 ҳазору 609 нафари онҳо ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб карда шудаанд. Дар тӯли панҷ соли охир 63 муассисаи таълими томактабии давлатӣ, 2 нодавлатӣ, 1 хусусӣ ташкил карда шуд.

Сохта шудани боғчаҳои нав, таъмиру таҷдиди биноҳои куҳнаи он давра ба давра идома меёбад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори “Овози тоҷик”.
Вилояти НАМАНГОН.

Абдулло ҚАҲҲОР

КӢ АЙБДОР?

(Ҳикоя)

Ҳамроев, баъди хӯрок хӯрдан, хост андаке ба ғанаб равад, нашуд. Дар хонаи шафат бачагон якдигарро бо болишт зада садо баланд мекарданд. Соати ҳашту ним бояд ба маҷлис мерафт. Дирӯз Ҳамдам барои иштироки падару модараш дар маҷлис аз мактаб даъватнома оварда буд.

Ҳамроев ягон бор дар маҷлис иштирок накардааст. Аммо агар даст ёбад, барои танбеҳ додани муаллимоне, ки ба бачаҳо тарбияи дуруст намедиҳанд ё ба ин кор бепарвоӣ зоҳир менамоянд, рафтан мехост. Ин нияти ӯ ба завҷаш Собирамоҳ низ маъқул шуд.

– Гап занед, шармсор кунед. Бачаҳо дар мактаб хонда, баръакс, густохтар шудаанд. Вақте ки шумо дар хона нестед, Ҳамдаматон ҳоламро танг месозад. Пештар аз ҷӯшаш кашида ба кӯчаи адаб медаровардам, ҳоло гурехта ба бом мебарояд ва аз болои бом ба ман забонашро нишон дода, масхара мекунад.

Ҳамроев ба дафтари кисагиаш ким-чиҳое навишт.

– Хӯш, боз чӣ кор мекунад?

– Боз... агар занам, ханд-хандон мегӯяд: “Беҳуда мезанед, дард намекунад”... Қариб буд фаромӯш кунам, як сол боз ягон маротиба “оча” гуфтани ӯро нашунидаам. Ман барояш “Турондот”.

Ҳамроев баланд хандид. Ин лақабро худи ӯ рӯзи ид, вақти ба меҳмонӣ рафтан ба Собирамоҳ дода, ҳамаро хандонда буд.

– “Турондот” гуфт-а? Ин масъаларо дар маҷлис наметавон ба миён гузошт. Лекин гӯед ҳам, мешавад. Зеро бача бояд суханони калонсолонро такрор накунад.

– Дар мактаб тарбия намедиҳанд. Бо дониши хушку холӣ оё бача инсони комил мешавад?

Ҳамроев шикоятҳои Собирамоҳ ва суханони доир ба тарбия аз рӯзномаҳо хонда ва одамон шуниданашро ба дафтари кисагиаш навишт, сипас хулоса кард:

– Ман агар ба ҳуҷҷате нахонда имзо гузорам ё ту гиребони ягон куртаро каҷ часпонӣ, барои муносибати хунсардона ба кор ҷавобгар мешавем. Пас чаро ба муаллиме, ки ба тарбияи кӯдак аз паси панҷа менигарад, ҷазо намедиҳанд?

– Куҷо рафт? Ҳамдамро ин ҷо даъват кун!

Аз хонаи дигар, болишти порахои дохилаш беруншударо бардошта, Ҳамдам баромад.

– Ин ҷо бишин! Хӯш, чаро ту мисли бачаҳои кӯчагард беодобӣ мекунӣ?

Ҳамдам болиштро рӯйи курсӣ гузошту ба болояш нишаст ва ба сӯйи модараш нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ кор кардаам?

– Ман пурсида истодаам. Ба ман нигоҳ кун, кори кардаатро фаромӯш кардӣ? Чаро вақте ки модарат мезанад... хайр, ин ҳам майлаш. Чаро ба модар беҳурматӣ зоҳир намуда, ба болои бом мебаро́й, ба модарат... умуман, магар туро замин намебардорад? Дар мактаб ба ту чунин таълим медиҳанд? Дафтарҳоят куҷост?

Ҳамдам ба модараш нигоҳ кард:

– Ман кай болои бом баромадаам?

– Не, бомро мон, ба ман дафтарҳоятро нишон деҳ. Ку бубинам, чандто баҳои “аъло” дорӣ?

– Ягонто ҳам... баҳои бад нагирифтаам. Марҳамат...

Ҳамроев ба варақ задани дафтарҳои писараш шурӯъ кард.

– Хуб, ҳозир мебинем... “хуб”... “миёна”.... Куҷост “аъло”? Чаро аз русӣ баҳои “хуб” гирифтӣ?

– Аъло хонам ҳам, муаллимамон баҳои “хуб” мегузорад, аз баҳои “аъло” баҳои “хуб” хуб аст, мегӯяд.

(Давомаш дар саҳ.4).

ЭЪТИБОР БА СИФАТИ ТАЪЛИМ

Бояд таъкид кард, ки имрӯз дар мамлакати мо бо ташаббуси Президент ба соҳаи таълим эътибори алоҳида дода мешавад. Дигаргуниҳое, ки дар соҳа бобати рушду равнақи таълими томактабӣ, мактаб, мактабҳои махсусонидашуда, донишгоҳҳо аз ҷумла, доир ба баланд бардоштани обрӯи омӯзгорону мураббиён дар ҷомеа гувоҳи ин гуфтаҳост.

Соли 2022 Фармони Президент “Дар бораи васеъ намудани низоми мактабҳои ихтисосонидашуда дар сохтори Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ” қабул гардида буд. Дар ҳамин ҷода моҳҳои июн-август дар ноҳияи Бӯка низ кушода шудани чунин мактаб ва қабули хонандагон ба мактаби мазкур корҳо оғоз шуданд. Маро ҳамчун омӯзгори фанни информатика эълони қабули омӯзгорон ба мактаби номбурда дар ноҳия бефарқ нагузошт ва ҳуҷҷатҳои худро супурдам, аз санҷишҳо гузашта ба кор қабул шудам. Ба мактаб беш аз ҳазор нафар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Бӯка ҳуҷҷат супурданд ва 401 нафар аз санҷиш гузашта, ба ин муассиса қабул шуданд. Тӯли чаҳор моҳ мо – омӯзгорони мактаб ба донишандӯзони он дар Хонаи меҳрубонии рақами 15-уми ноҳия ба онҳо дарс гуфтем. Дар арафаи Соли нав бинои муҳташами замонавии мактаб кушода шуд. Тавре ки дар ҷамъомад муовини ҳокими вилояти Тошканд Зухро Мирғозиева, директори мактаби президентии вилояти Тошканд, роҳбари шӯъбаи ҳудудии мактабҳои ихтисосонидашудаи сохтори Агентии муассисаҳои таълимии Президент Ғайрат Ҳамроев, ҳокими ноҳияи Бӯка Низомиддин Аббосов ва дигарон дар баромади худ қайд карданд, эътиборе, ки солҳои охир дар мамлакати мо ба рушди соҳаи таълим нигаронда мешавад, дар таълиму тарбияи бунёдкорони Ӯзбекистони Нав, рушду равнақи онҳо нақши беандоза дорад. Дар даргоҳи нави таълимӣ, ки ба 450 нафар хонанда пешбинӣ шудааст, тамоми шароити замонавӣ муҳайё мебошанд. Хонаҳои кушоди хониш, толори варзишӣ, маркази ахбору захира ва ғайра бо усули замонавӣ таҷҳизонида шудаанд. Алҳол дар мактаб 41 нафар омӯзгороне, ки аз 3 даврои санҷиш гузаштаанд, дарс мегӯянд. Маҳфилҳои робототехника, эҷоди креатив, фанҳои физика, математика, кимё, биология, забони англисӣ ва таърих ба таври мукаммал омӯзонда мешаванд ва барои ин синфхонаҳо бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд. Бо ташаббуси Сарвари давлат соли 2023 дар мамлакатамон “Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим” эълон гардид, ки бешубҳа дар соҳаи мазкур ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ карда мешаванд. Ман ҳамчун омӯзгори ин мактаб қайд карданиам, ки дар роҳи рушди Ӯзбекистони Нав ин гуна эътибор ва дигаргуниҳои куллӣ дар соҳа, албатта, дар ояндаи наздик меваи худро медиҳад. Хонандагоне, ки ин даргоҳро хатм менамоянд, дар оянда чун кадрҳои муҳим барои давлатамон ба воя мерасанд.

Сафо ШОДИЕВ,
омӯзгори мактаби махсусонидашудаи ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.

«ПАРЧАМИ ҲАРБИИ АМИР ТЕМУР» – ДАР САМАРҚАНД

Дар арафаи Рӯзи муҳофизони Ватан бо фармони Президент фармондеҳи Округи марказии ҳарбӣ Ойбек Саидов бо рутбаи ҳарбии генерал-майор ва округи мазкур бо мукофоти «Парчами ҳарбии Амир Темур» сарфароз гардид.

Парчам нахуст дар кӯчаҳои марказии ноҳияҳои Булунғур ва Ҷомбой, сипас, дар майдони Кӯксаройи Самарқанд бо иштироки низомиён, депутатҳо, ҷавонон, варзишгарон ва намояндагони аҳли ҷомеа бо тантана пешвоз гирифта шуд.

Дар тадбир ҳокими вилоят Э.Турдимов мардуми Самарқандро бо «Парчами ҳарбии Амир Темур» табрик кард ва таъкид намуд, ки ин барои ҳама моя ифтихор аст.

Пас аз чорабинӣ бо парчам дар назди муҷассамаи Амир Темур аксҳои хотиравӣ гирифта шуда, дар майдони Регистон паради ҳарбӣ ташкил карда шуд ва дар кӯчаҳои шаҳр бо «Парчами ҳарбии Амир Темур» ҳаракати намояндагони ҷамоатӣ сурат гирифт.

Ёдовар мешавем, ки чунин тадбирҳо дар ноҳияҳои Нарпай, Пахтачӣ, Каттақӯрғон низ ташкил карда мешаванд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.
Сурати ЎзА.

ТАДБИРҲОИ БИОТЕХНИКӢ ДАР МАМНӮЪГОҲҲО

Табиист, ки туфайли боридани барфи зиёд ва ҳукмфармоии ҳавои сард паррандагону чаррандагоне, ки сайдашон мамнӯъ буда, ба «Китоби Сурх» шомиланд, як андоза беғизо монданд. Аз ин рӯ, ходимону нозирони мамнӯъгоҳҳои давлатии «Зомин» ва «Нурато» дар ин ҳудудҳо тадбирҳои биотехникиро гузарониданд.

Ҳоли ҳозир дар ҳудуди мамнӯъгоҳи давлатии «Зомин», ки қариб 27 ҳазор гектар масоҳат дорад, зиёда аз як ҳазору ду сад навъи рустанӣ меруяд. Дар байни онҳо рустаниҳои доруворию зираворӣ, манзаравӣ ва рӯғанӣ низ ҳастанд.

Мамнӯъгоҳ аз чаҳор дара иборат буда, ҳудуди ноҳияи Зомин ва як қисми ноҳияи Бахмалро дарбар мегирад. Вай дар доманаи самти шимоли ғарбии силсилакӯҳҳои Туркистон ҷойгир аст.

Мамнӯъгоҳҳо 30 намуди ҳайвонот, 102 навъи парранда, 14 хели хазанда ва ғайра доранд, ки ҳифз намудану нигоҳ доштанашон дар ҳаргуна вазъу шароит вазифаи асосии ходимони онҳо маҳсуб меёбад. Бинобар ин дар рӯзҳои хунуки сахт ба воситаи техникаи махсус як қитъаи замини мамнӯъгоҳ аз барф тоза карда, ба он ҷо, ки эҳтимоли омадани ҳайвонот ҳаст, хошоку дону хӯрока рехтанд.

Дар мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» низ чунин тадбир амалӣ шуд. Бояд гуфт, ки дар парваришхонае, ки ҳанӯз солҳои ҳаштодуми қарни сипаригардида ташкил карда шудааст, 16 сар гӯсфанди северсев (ғурми кӯҳӣ) парвариш меёбад. Он дар ибтидо 8 гектар масоҳат дошт, баъдтар васеъ карда ба 16 гектар расонида шуд. Ходимони ҳарду мамнӯъгоҳ дар рӯзҳои сарди фасли зимистон аз каминҳо акс мебардоранд ва бо ин роҳ ҳаракати ҳайвоноту паррандагони нодирро назорат мекунанд. Баъди муайян кардани ҷойи зисту чарогоҳ ба онҳо ему хошок медиҳанд, дон мерезанд. Зеро аз талафу нобудшавӣ эмин нигоҳ доштани олами ноёби ҳайвоноту наботот ҳадафи асосии кормандони мамнӯъгоҳҳо аст.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Шариф ХАЛИЛ

ТАЛОШ

(Ҳикоя)

Дар ин нимашаби зулмонӣ деҳа ба ҳукми сукунати мармуз тобеъ шуда, аҷаб ҳавлангез метофт. Шамолаки сард, ки зуд-зуд маҷро иваз менамуд, аз канорахо садои акаки сагонро мерасонд. Ин садоҳо гоҳо шунаво ва гоҳе пахшхӯрда дар гӯшҳо менишастанд. Мардуми маҳал комилан ба хоби фароғат рафтаанд ва шояд маҳали сагони бедори дехро намешунидаанд. Аммо Амини муаллим аз ин шумор мустасно буд. Вай хоб надорад ва ҳушу ёдаш ба нолаи ҳазини кӯдак банд аст, пушт ба девор ниҳодаву якзайл гаҳвора меҷунбонад.

Хона чароғон. Партави тирае аз чашмони тиреза берун хазида, як каф заминро равшан мекунад. Чанд пашшаи шилқин дар ҳавои ҷафида озод ба парвоз омада, ба ҳар кӯҷо, ки рост омад, менишастанд, аз ҳарчӣ, ки дилашон хост, насиба мебардошанд. Нолаи талхи кӯдак аз болопӯши гаҳвора берун рехта, ба садои виз-визи магасҳо меомехт ва як вазъи тазйиқоваре эҷод мекард.

Кӯдаки бемор чӣ дарде дорад? – тахмин медонад Амин. Ду гурдааш дардманд – санг доранд ва ҷарроҳӣ бояд кард. Табибони ноҳия ноилоҷ монданд. Акнун аз сари субҳ пеши табибони зӯр хоҳад бурд. Нияташ, ба шаҳри Душанбе рафтан аст. Шояд табибони он ҷойҳо ба дардаш шифое ёфта, ҷигари ӯро аз ин азобҳо раҳо бахшанд...

Вай мунтазири субҳ аст. Ана, либосаш тайёр, чанд нақдинаи пасандозашро низ ба киса гирифтааст. Боз ас додараш Эҳсон чанд сӯми дигар қарз бардошт. Бигузор дар бараш бошад, ҳангоми дасттангӣ ба дардаш меҳӯрад. Охир, рафту сахт заурат пеш ояд, дар он шаҳри бегона ба ӯ кӣ кумак мерасонад? Шаҳр ҳавои худашро дорад. Ҳар қадамат пул меҳоҳад, ҳар нафасат ба пул чен мешавад! Субҳ надамида Ваҳҳоб бо мошинаш ҳозир мегардад ва онҳо ба роҳ медароянд. Ҳоло вай бигузор аз хоб сер шавад. Шофир мардум набояд хоболуда сари чанбари рул нишинад. Роҳ дур...

Ин фикрҳо зуд-зуд аз сари муаллим гузашта, лаб ба хамёза кушод ва оҳиста сар гардонда, ба соати деворӣ назар партофт. Ақрабаки он аз фарози шумораи як меҳамид. Соат гӯё таннозе буд, ки аз пошнаи баланди туфлиаш садои “тиқ-тиқ” якмаром паҳн мегардид. Вай ба ин лаҳн гузашти умрро бехато ҳисобу китоб мекард. Аммо ҳоло чунин ба назар мерасид, ки асло шитоб надорад, завлона дар пою вазнин меҷунбад. Амин оҳкашон ба нолаи ҳазини писарчааш гӯш андохта, дилаш побандиҳуссаҳо лоқайд чашм ба атроф бурд. Духтарчааш Шаҳло дар гӯшае ғунча шудаву ба хоби ноз рафтааст. Ғоҳ-ғоҳ магасҳо озораш медиҳанд, аммо ӯ парвое надорад, мураттаб нафас мекашад ва... ачаб ширин аст хобаш. Пас аз таваллуди ӯ зану шавҳар ду бор фарзанд ёфтанд, аммо он гулакҳо ношукуфта ва зуд хазон дидаву ба оғӯши хоки нам рафтанд. Зану шавҳар чӣ қадар ғам хӯрданд? – танҳо ба Парвардгор аён! Баъд, ана Шодиро ба дунё оварда, акнун ба чеҳраашон равшанӣ давида буд, ки ин мурғак ҳам аз қазо побанди дарди гароне шуд. Инак чун моргазидаҳо аз ресмони ало метарсанд. Хоса ба Соҳиба душвор... Вай ҳоло дар бараш масти хоб аст гӯё. Берӯзӣ ғуссаи худро фурӯ бурдаву мисли ӯ бедор менишаст, аммо соате пеш ғанаб ба коми худ кашидаш. Ду рӯз боз хоб чист, намедонад модари зор. Ба ташвиши кӯдак дуруст ғизо ҳам намегирад. “Аз гулӯям ҳеч чиз намегузарад, додош”, – мегӯяд ба исрори Амин ҷавобан ва оҳи сарде аз лабонаш берун мехазад. Аз кулфати ногузир чунон лоғар шудааст, ки Амин ҳоло устухонҳои тани ӯро аз болои либосаш бармало мешуморад. Вай дар тараҳҳум ба завҷаи худ нигарист.

(Давомаш дар саҳ.4).

Ганҷи ороста

Умари ХАЙЁМ

РУБОИЁТ

Гар гул набувад насиби мо, хор бас аст,
В-ар нур ба мо намерасад, нор бас аст.
Гар хирқаву хонақоҳу шайхӣ набувад,
Ноқусу калисёву зуннор бас аст.

***

Он кас, ки ба хубон лаби хандон додаст,
Хуни ҷигаре ба дардмандон додаст.
Гар қисмати мо надод шодӣ, ғам нест:
Шодем, ки ғам ҳазор чандон додаст.

***

З-ин гунбади гарданда бадафъолӣ бин,
В-аз ҷумлаи дӯстон ҷаҳон холӣ бин.
То битвонӣ ту як нафас худро бош,
Фардо маталаб, дӣ манигар, ҳолӣ бин.

***

Он беҳ, ки дар ин замона кам гирӣ дӯст,
Бо аҳли замона суҳбат аз дур накӯст.
Он кас, ки ба кулли эътимоди ту бар ӯст,
Чун чашми хирад боз кунӣ, душманат ӯст.

***

З-овардани ман набуд гардунро суд,
В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд.
В-аз ҳеч касе низ ду гӯшам нашунуд,
К-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд.

***

Ин куҳна работро, ки олам ном аст,
Оромгаҳи аблаҳи субҳу шом аст.
Базмест, ки вомондаи сад Ҷамшед аст.
Гӯрест, ки такягоҳи сад Баҳром аст.

***

Эзид чу нахост он чи ман хостаам,
Кай гардад рост он чи ман хостаам.
Гар ҷумла савоб аст, ки ӯ хостааст,
Пас ҷумла хатост он чи ман хостаам.

***

Ҳуш дор, ки рӯзгор шӯрангез аст,
Эмин манишин, ки теғи даврон тез аст.
Дар коми ту гар замона лавзина ниҳад,
Зинҳор фурӯ мабар, ки захромез аст.

***

Дар даҳр касе ба гулъизоре нарасид,
То бар дилаш аз замона хоре нарасид.
Дар шона нигар, ки то ба сад шох нашуд,
Дасташ ба сари зулфи нигоре нарасид.

***

Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст,
Мурғи чамани хуҷастафолӣ ишқ аст.
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Ҳар гаҳ, ки бимирию нанолӣ ишқ аст.

Толиб ЛУҚМОН

БОНГИ ХАТАР

Бе ишқ бар дунё хатар таҳдид хоҳад кард,
Буҳрони бовар бар башар таҳдид хоҳад кард.
Ифрити зиштӣ сӯйи гулҳо даст хоҳад бурд,
Бар боғи зебоӣ табар таҳдид хоҳад кард.
Суратҳисоби гулфурӯшон баста хоҳад шуд,
Ишқофаринонро зарар таҳдид хоҳад кард.
Бар ҳафт иқлими тару шодобу сабзпӯш,
Қаҳтӣ чу деви ҳафтсар таҳдид хоҳад кард.
Сайёраи моро, ки худ даргири буҳронҳост,
Ҳар лаҳза буҳроне дигар таҳдид хоҳад кард.
Бонги хатар дармедиҳам, эй оҳанодамҳо,
Бе ишқ бар дунё хатар таҳдид хоҳад кард.

САДОҚАТ

(Ҳикояи хурд)

Марде ҳар субҳ ба ҳамсари худ дар хонаи пиронсолон наҳорӣ мехӯронд, бо вуҷуди он, ки онҳо 80 сол доштанд.

Аксбардоре пурсид:

– Чаро ҳамсари шумо дар хонаи пиронсолон аст?

Мӯйсафед ҷавоб дод:

– Панҷ сол аст, ки ба бемории алтегеймер (сустии хотира) гирифтор шудааст.

Аксбардор:

– Агар шумо дертар оед, хавотир намешавад?

Мӯйсафед:

– Ӯ ҳатто дар хотир надорад, ки ман киям? Панҷ сол аст, ки маро намешиносад.

Аксбардор, ки дар ҳайрат афтода буд, гуфт:

– Пас шумо ҳар рӯз омада бо ӯ наҳорӣ мехӯред, аммо ӯ ҳатто намедонад, ки шумо кистед?

Мӯйсафед табассум карду гуфт:

– Ӯ намедонад, ки ман киям, аммо ман хуб медонам, ки ӯ кист…

Таҳияи К.ҲАКИМЗОДА.

Зикри хайр

ДУРАХШИ РӮШАНИ СИТОРАИ САНЪАТ

Ҳуҷанди бостон, ки номҳои ифтихории “Тирози ҷаҳон”, “Арӯс-ал-мамолик”-ро гирифтааст, зебу зинати ҷаҳон, нигини олам буду ҳаст. Бале, Ҳуҷанд зеби дунёву дилҳост, ки дар қатори Самарқанду Бухоро забон, илму фарҳанг, мусиқӣ ва истеъдодҳои нотакрори халқи тоҷикро парвариш намудааст.

Ин Ҳуҷандест, ки Ҳоҷӣ Юсуф, созандаи нахустин кураи арзро, ки то ин дам дар яке аз осорхонаҳои Самарқанд нигоҳдорӣ мешавад, Муҳаммад Собити Ҳуҷандӣ – асосгузори китобхонаи маъруфи Ҳуҷандиён дар Исфаҳон, Калмони Суғдӣ – ҳунарманд, реформатори ҳақиқӣ ва аслии театри нави Юнон, Тумурмалик, Хоҷа Камол, Маҳастии Ҳуҷандӣ, Насриддини Тӯсиро ба олам додааст. Тошхоҷа Асирӣ, Бобочон Ғафуров, Муҳаммад Осимӣ, Яъқуббеки Бадавлати Тоҷик, Хоҷа Содирхон, Ҷӯрабек Муродов, Фарзона, Озарахш, Ҷӯрабек Набиев ва даҳҳо тани дигарро ба камол расондааст, ки номи ин куҳандиёрро машҳури ҷаҳон гардондаанд.

Метавон гуфт, ки ин рӯйхатро ҷавонe, ки чун ситорае дар осмони ҳунар дурахшиду дар айни моҳи маҷлиси аҳли дил шудан хомӯш гашт, давом дод. Ҷавоне, ки дар умри кӯтоҳи хеш ба қуллаи баланди эҷод расиду дурахши дигаргуна пайдо кард.

Шояд фитрати зотӣ ва рӯйдодҳои ҳаёт ӯро нерӯ дода ва боиси нуфузу шаъну шараф ва сабаби умри ҷовидона ёфтанаш шуд. Дил намехоҳад, ки ин истеъдоди нодирро дар “шумори бешуморон” шомил кунад, аммо…

Ошиқону шоироне мисли ман,
Дар шумори бешуморон меравандҳ…

Падару модар бо умедҳои зиёд ба ӯ номи Дамирбекро доданд. Бале, Дамирбеки Олим бо иноятҳои Худо дар замини тоҷикон зуҳур кард ва бо кӯшишу ранҷи падар, устодони кордида ва заҳматҳои эҷодӣ сар ба фалак кашид. Дар фазои ҳунари тоҷик чун барқ дурахшид ва бо садоқат, истеъдоди баланд, таҳаммул, маърифату дидадаровӣ, самимият ва садоқати поки хеш ба дилҳо равшаниву умед бахшид. Дардо, ки хеле барвақт ғуруб карду нақшаҳои начиб, истеъдод ва орзуҳои сапедашро барои ҳамеша бо худ бурд.

Бачагии Дамирбек низ чун кӯдакони дигари деҳа дар боғу дашт, пайи чорпову ҳезумчамъкунӣ, ёрдам ба калонсолон ва паси партаи мактабҳо гузаштааст. Хонандаи хубхону боадаби дабистони Ғончӣ буд.

Офтоби тақдир ба рӯйи ӯ хандид ва дари олами санъат ба рӯяш боз кард. Ин орзуи дерини падар буд ва дар ин олами рангин, хусусан дар паҳлӯи устоди санъати тоҷик – Ҷӯрбаек Муродов дидани писар барояш хуш буду гуворо.

Бахт насибаш гашту Дамирбек ба назари устод афтод. Бо сурудани таронаи “Таманнои ту” аз санҷиш гузашт ва ба мактаби мусиқии Ҷӯрабек Муродов – ансамбли шашмақомсароёни “Нури Ҳуҷанд” шомил гардид. Ин қадамҳои аввалини Дамирбеки азиз буд. Дертар ӯ дар ансамбли “Садои Суғд” фаъолият кард. Ибтидои фаъолияташ бо сахтиҳо гузаштааст.

Истеъдод, дар ҳақиқат, атои Худост, ки ба ӯ низ дода буд. Дар натиҷаи меҳнати тӯлонии эҷодӣ муваффақ гашт, дили ҳазорон мухлисонро забт кард.

Ростӣ, на ҳар мурғе, ки болу пар дорад, то ба фалак парвоз мекунад.

Дамирбек дар ибтидо дар саҳнаи калон бо таронаи “Зулфони майда” баромад ва бо суруди “Дунё” маъруф гардид. Дар байни халқ бо садои махмалинаш ба зудӣ шуҳрат пайдо кард. Ин ҳунарманди маънисаро на танҳо дар Тоҷикистон, балки тадричан дар Ӯзбекистон, бахусус дар Самарқанду Бухоро, шуҳратёр мегашт. Сурудҳои “Барги хазон”, “Мавригӣ”, “Ҷон, бачаи хола”, “Дунё”, “Наёмадӣ”, “Зебои самарқандӣ”,

“Омадӣ”, ки бо маҳорати баланди сароянда гӣ иҷро шудаанд, аз тарафи мухлисони ӯзбекистонӣ истиқболи гарм ёфтанд ва то ҳол ҷониби онҳо замзама мешаванд.

Бояд гуфт, ки бо дуову раҳнамоии устоди бузургаш, шаҳрванди ифтихории Самарқанду Бухоро – Ҷӯрабек Муродов Дамирбек дар саҳнаҳо ва базму сури ӯзбекистониён ҳунарнамоиҳо карда, ба шуҳраташ меафзуд. Ҳамасола “Овозхони сол” интихоб гашта, сазовори даҳҳо ҷоизаҳои муътабари минтақа шуданаш мухлисонашро шод мекард. Ва таассуф, ки соли 2021 “Тарона мюзик авард” охирин ҷоизааш шуд.

Дамирбек аз камёбтарин сароянда гони ҷавон буд, ки ҳам дар жанри Шашмақом ва ҳам эстрада маҳорати волои иҷро дошт ва ин ду шохаи бузурги овозхонӣ: суннатӣ ва муосирро ба ҳам бо назокат омехт.

Бояд гуфт, ки шумораи шашмақомхонон байни ҷавонон кам аст. Зеро он овози махсус ва ранҷи рӯзафзун ва сабурии хос мехоҳад. Худ боре гуфта будааст: “Санъаткор мешавам ва кирои шудан, санъаткори хуб мешавам”. Ба ин ҳадафаш расид ва сазовори нишони “Аълочии фарҳанги Тоҷикистон” ва соҳиби медали “Хидмати шоиста” гардид.

Ў матнҳоеро интихоб мекард, ки бештар ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафӣ, фарҳангиву ахлоқӣ, ошиқона доштанд. Аммо сад дареғ…

Инсон ва ҳунарпешае моро падруд гуфт, ки некрой, хоксор, хушгуфтору хушрафтор ва самимӣ буд. Ҷавоне заҳматписанд, бурдбор, доно, маънирас ва ошиқи касби хеш созҳояшро дар мехи девори хона овехту рафт…

Вале савту сурудҳои ҷаззобаш мегӯянд, ки «На, Дамирбек Олимов бо шумост»…

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.

КӢ АЙБДОР?

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Фаҳмо. Шумоён ба дурӯғ гуфтан одат кардаед. Ку пештар биё, ба чашмам нигоҳ кун! Баҳои “хуб” хуб аст, мегӯяд?

Ҳамдам оқибати бад доштани дурӯғгӯйиро дар тӯли умр бори аввал медид, садо бароварда гиря кард.

– Ба ман нигоҳ кун, мегӯям. Дурӯғ гуфтанро кӣ ба ту ёд дод? Кадом муаллимат?

Собирамоҳ ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Як бор бахшед, дигар дурӯғ намегӯяд. Вой, тавба, чаро аз русӣ баҳои “хуб”? О, ин ба русӣ булбули гӯё-ку?! Ҳамроев аз гӯши Ҳамдам кашида, ба худ нигаронд.

– Боз дурӯғ мегӯӣ? Баъд аз ин дурӯғ мегуфта бошӣ, дар ёд дор, лату кӯби ман мисли лату кӯби модарат сабук нахоҳад шуд. Дар гумон аст, ки ту аз фанни забони русӣ баҳои “хуб” гирӣ. Хӯш, масалан, сарпӯши чойникро ба русӣ чӣ мегӯянд? Ҷумраки самоворро-чӣ?

Ҳамдам тарҷумаи ҳардуяшро намедонист. Аз ин рӯ, гирякунон ба хонаи дигар даромад. Ҳамроев аз дафтари кисагиаш баъзе навиштаҷотро хат зада, чизҳои дигар навишт.

– Не, – гуфт дафтарчаро ба кисааш андохта, – ба ин кор бояд эътибори ҷиддӣ дод.

– Соат ҳашт шуд, – гуфт Собирамоҳ.

Ҳамроев дар худ андешид: равад, бояд ҳатман гап занад, агар гап назанад, ҳоҷати рафтан нест. Гапро аз чӣ оғоз мекунад, хулосааш чӣ мешавад?

– Не, Турондот, – гуфт, – ин дафъа шумо равед. Ман дафъаи дигар бо тайёрии пухта меравам.

– Монед-е! Ба ҷое, ки боре нарафтаам, чӣ хел меравам? Аз рафтани ман чӣ суд?

– Фоида набошад, зарар ҳам надорад.

Зану шавҳар дар бораи фоидаву зарар баҳс карданду соат ҳашту ним шуд. Ҳамроев азми ба кор рафтан кард.

– Шумо чӣ кор мекунед? Сарвари мактаб такрор таъин карда буд, агар шумо наравед, маро коҳиш медиҳад, – садо баланд кард Ҳамдам.

– Модарат намеравад, аз рафтани ӯ суде нест, ман дафъаи дигар меравам.

– Агар роҳбар пурсад, ҳамин хел гӯям?

– Чаро? Бачаи калон-ку ту, магар чизе гуфта наметавонӣ? Гӯй, ки падарам аз кор дер омад, модарам бетоб аст.

Ҳамдам ба падараш дуру дароз нигоҳ кард. Ӯ пагоҳ бояд айнан ҳамин тавр мегуфт.

Аз забони ўзбекӣ тарҷумаи
Хусрав ҲАМИДОВ.

Валерий ХРОМОВ

МӮЙСАФЕД ВА МОҲИИ ТИЛЛО

(Ҳикояи хурд)

Мӯйсафед ба баҳри Кабуд тӯр андохт Вақте тӯрро кашид дид, ки моҳии тилло афтодааст. Дили мӯйсафед ба моҳӣ сӯхту онро ба баҳр афканд. Бори дигар шаст андохт. Тӯрро берун оварда дид, ки боз ҳамон моҳии тилло. Моҳиро такрор ба баҳр сар дод.

Бори сеюм ба баҳр тӯр партофт. Бо кадом чашм бубинад, ки боз ҳамон моҳии тилло ба тӯр афтодааст.

Мӯйсафед бо хашм хост моҳиро ба баҳр афканад. Ҳамин вақт моҳӣ ғайричашмдошт ба забон даромада гуфт:

«Ҳар чӣ хоҳӣ, бароят муҳайё месозам, фақат маро ба баҳр наафкан. Аз лою равғани чиркини баҳр нафасам мегардад. Беҳтар аст, ки дар тағораи кампират зиндагӣ кунам!».

Аз русӣ тарҷумаи
Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.

(Аввалаш дар саҳ.3).

Соҳиба тамоми рӯз баробари кӯдаки худ ранҷ кашидаву лаҳзае пеш пушт ба девор гузошта, дидагони сурхидааш ба хоҳиши хоб тобеъ гаштанд. Амин дасти ӯро аз гаҳвора ҷудо карду амр намуд, ки як дамак дурусттар бихобад. Дар пеш сафари роҳи дур мунтазир… Ҳоло ба хоб андар бошад ҳам, тарсида зуд-зуд чашм мекушояд ва шавҳари худро дар сари гаҳвора дида, хотири парешонаш қадре ҷамъ аз нав сар ба болин мениҳад. Маълум, ки дидагони хастааш майли хоб доранд, аммо мағзаш бедор аст ва рӯҳаш мудом ба ҷигарбанди бемораш тавъам. “Чӣ зоти шарифанд модарон! Дар хоб ҳам аз андешаи фарзанд фориғ нестанд. Ҳангоми зарурат бо як зарра ҷон, ки дар тан доранд, дар талоши амонии нури дидагонашон мешаванд, аҷиб, аз худ коставу ба ҷигарбанд мебахшанд онҳо…”

Амин якзайл гаҳвора ҷунбонда, андешаманд ба мӯйҳои ғандумҷави Соҳиба назар партофт, ки аз таки сарбанди хушгул ҷудо шуда, шаршаравор ба сари синааш мешориданд. “Ғами Шодӣ ӯро адову тамом кардааст. Агар худо накарда, ба ин мурғакамон ҳам кору ҳоле шавад…” Амин панҷаи бухсро бо оби даҳон нарм сохт. Аъзои пайкараш фишурда шуд ва аз эҳтиноли пешомади бад андӯҳманд лаб газид. Ба пойи гиряи ногузир банд андохта, ҳаросон ҷониби гаҳвора нигарист. Шодии ӯ дар иҳотаи ранҷу азоб менолид. Садои ҳиқ-ҳиқи вай чун путки гарон ба дили падар асар мекард. Муаллим, сандуқи синааш вазнин даст иваз намуда, якзайл гаҳвора меҷунбод. “Тоқат кун, ширини додо. Каме сабр бикун, шери додо! Туро ба духтурҳои дигар нишон медиҳам. Онҳо, албатта, ба дардат даво меёбанд”, – хаёлан ба фарзанд мурочиат мекард ӯ.

Амин дубора нигоҳашро ба ҷониби соат бурд. Вақт ҳамон диранг мекард.

Нолаи кӯдак баландтар гашт. Вай оҳиста болопӯши гаҳворарo бардошт. Шодӣ бо чашмони обӣ ба сӯяш нигарист. Пистонак дар лабони парсинбастаи кӯдак ғӯё ширеш шуда буд. Нигоҳаш ҳазорон тавалло дошт, имдод мехост. Парвардгоро, начотам бидеҳ, охир ин дарди малъун адоям кард, – гуфтан мехост…

– Ана, ина бин. Бозичаи хушрӯ будаст, – қуттии сигорро пеши чашмони кӯдак ин сӯву он сӯ гардонд Амин. – Вамм-вамм. Нағз шавӣ, мошинчаи хубе харида медиҳам, – дар оҳанги дилсӯзӣ хост таваҷҷӯҳи кӯдаки беморро ба самти дигар барад. Аммо вай ба ин ҳаракот эътиборе намедод. Нолидаву нолида нигоҳи батаваллои худро ҳар сӯ мебурд.

– Уф-фф, ман чӣ кор кунам, асали додо?! Чӣ кор кунам?!

Шариф ХАЛИЛ

ТАЛОШ

Амин муддате ба дидагони ҷигарбанд нигариста, бадтар обу адо шуд ва чашмонаш ғарқи об ноилоҷ гаҳворапӯшро фароварда, маҳин такон дод. Кӯдак ба нолиши ҷонхарош давом дода, шояд дар ҳайрат мемонд, ки чаро ба кӯмаки ӯ касе шитоб намекунад. Агар забон медошт…

“Наход илоҷи гирифтани ин сангҳои лаънатӣ набошанд?” – меандешид Амин. – “Кӯдак каммадор, ба ҷарроҳӣ тоқат намекунад”, гуфтанду аз бемористон ҷавоб доданд. Шояд тарсиданд, ки мабодо… Ё кӣ медонанд, фикр карданд, ки аз ин муаллими нодор чизе нахоҳад рӯид.

– Ҳар чӣ зудтар бояд ба Душанбе раванд. Ба ҳар ҳол марказ аст, шаҳри калон, духтуронаш ҳам зӯр! – дар дил хитоб намуд Амин. Ин дам аз ҳаволии атроф ба гӯшаш бонги хурӯсҳо даромад, ҳангоси хару канда-канда ҷакидани сагҳо расиданд. Ба тани ӯ рамақ дамида, як зарра худро хушёр гирифт. “Ваҳҳоб ҳам аз хоб сер шуда, ҳоло ба обу равғани мошинаш машғул будагист. Ҳамин замон дар таки тарвоза пайдо мешавад”.

Амин ба завҷааш рӯ овард.

– Соҳиба, хез! – гуфт ба сари шонаи ӯ даст ниҳода.

–Чӣ гап? Шодиҷон чӣ хел? – зан тарсон аз ҷой хест. – Ваҳ, хобам сахт бурдааст…

– Субҳ ба дамидан наздик. Мошин ҳам меояд. Лоқу паратро ҷамъ кун.

– Тайёр. Ҳама чиз тайёр, – рӯйҳои худро кушодаву мӯйҳои парешонашро андаке мураттаб сохта, онро аз нав ба сар баст Соҳиба.

– Шаҳлоро чӣ кор мекунем?

Зан хаёлманд китф дарҳам кашид ва баъд:

– Раҳорӯ ба назди апаам мегузорем. Як-ду рӯз бо духтарчаҳои вай бозӣ карда мегардад, – гуфт аввалин андешаи ба сараш омадаро ба забон ронда.

– Беҳтарин.

– Эҳ… Оҳиста гап занед, додош. Хоби Шодиҷон бурдааст, – овози худро як парда поин оварда, хоҳиш намуд Соҳиба. Амин лаҳзае ба ҷониби гаҳвора гӯш андохта, дар ҳайрат абрӯ боло кашид ва ба нишони тасдиқ сар ҷунбонд. Зан аз нигоҳи шавҳар ҳарфи қаноатмандӣ ҳонда, заиф табассуме кард. Амин хотирҷамъ аз ҷой хест ва як дона сигор ба лаб гузошта, ҷониби дар рафт. Аз дастааш гирифт, замоне таваққуф кард ва дубора ҷониби гаҳвора нигарист. Кӯдак хомӯш буд! Дигар нола намекард!

“Хуб аст, ки хоб рафт. Бигзор даме ором гирад. Мо ҳам ба ҳузур ба сафари роҳи дур омода шавем”.

Амин акнун бо меҳр ба духтарчааш Шаҳло нигарист. Вай ҳамон масти хоб буд. Соҳиба кампалчаро ба китфони нозуки вай кашид. Охир, одами хобида зуд хунук мехӯрад.

Амин боз муддате ба шуғли завҷааш зеҳн монда, дилпур ба айвон баромад, сигор рӯшан кард ва ҷониби дарвоза рафт. Ҳанӯз даричаро накушода, садои мошинро шунид, ки оҳиста омадаву дар паси он истод.

– Биё бародар, – пас аз салому алейк гуфт қаноатманд Амин.

– Ана, омадам. Меравем? – даст ба даст совид ронанда.

– Албатта, – нашъи сигори сӯхтаро ба замин партофтаву бо пой пахш намуд Амин ва… ба хона баргашт. Аз паси ӯ даричаи оҳаниро ба нола водор сохта, Ваҳҳоб ҳам вориди ҳавлӣ шуд. Аммо ду-се қадам гузошту қафо гашт. Бигузор, онҳо либос пӯшанд, ба сафар омода шаванд. Вай дубора ба назди мошин омада, инҷову онҷояшро аз назар гузаронд. Бо зарби пой чарҳҳоро такон дод. Нуқсе надоранд, – гуфт дар дил. Чарогҳои дуру наздикнамо дармегиранд. Нағз! Чарогаҳои самтнамо чӣ? Хубанд – коршоям. Баъд муҳаррикро ба кор даровард. Даме ба овозаш гӯш андохт. Педали газро кӯфта дид. Муназзам буд кори муҳаррик. Акнун бемалол ба роҳ дароянд, мешавад. Қаноатманд мошинро хомӯш сохта, ҳуҷҷатҳои худро тафтиш кардан мехост, ки садои гиряи ҷонхарошеро шунид. Ҷонсарак аз мошин фаромада, зуд ба ҳавлӣ даромад. Ворид гашту мадор аз пойҳояш рафт.

Амин ҳой-ҳой гириста, аз дари хона берун баромад. Дар оғуши ӯ ҷигарбандаш…

– Ваҳҳобҷон, бубин, ҷон бародар, бубин охир, Шодиҷони ман зинда аст ё не? Намурдагист-а! – овоз андохтаву бехудона аз ронандаи худбохта мепурсид.

Навҳаи ҷонхароши занона аз дохили хона ба рӯйи ҳавлӣ мерехт… Модари ҷигарбохта сару рӯй хуншор мекард, мӯй меканд. Худро гоҳ ба девор мезаду гоҳ ба дар. Фурсате нагузашта вай тозон ба рӯйи ҳавлӣ баромад. Зану шавҳар гардани ҳам гирифта, аз мағзи ҷигар навҳа меандохтанд…

Ваҳҳоб оби дида рехта, дар таассуф сар ба ҷониби уфуқ гардонд.

Аз лабаш сар карда, домани осмон аз ситораҳо холӣ мешуд. Чашми рӯз кафида, олам ба оғуши нур медаромад. Аммо шаби Амини муаллим майли рӯз шудан надошт.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.